ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Ғуломов Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар таълими веб-дизайнерҳои оянда» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100-Информатика (6D011102 - Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ))

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ҷараёни муосири рушди ҷомеа ва рақамикунонии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки сифати омодасозии кадрҳои техникӣ ба куллӣ дигаргун карда шавад. Дар заминаи амалӣ гардидани барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020-2040)», омода намудани веб-дизайнерони оянда, ки зерсохтори иттилоотии кишварро ташкил медиҳанд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Мушкилии асосӣ дар он зоҳир мешавад, ки методикаи анъанавии таълим ба талаботи бозори меҳнати рақамӣ ва рушди босуръати ТИК на ҳама вақт ҷавобгӯ аст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмии Ғуломов Суҳроб Рустамович, ки ба коркард ва асосноккунии мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими веб–дизайнерҳо нигаронида шудааст, мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳамияти калони давлатӣ мебошад.

Тавсифи умумии раванди таҳқиқот ва сохтори рисола. Дар давоми фаъолияти муштараки илмӣ, довталаб С.Р. Ғуломов худро ҳамчун таҳқиқотчии соҳибзаковат, ҷиддӣ ва дорои тафаккури амиқи илмӣ-педагогӣ нишон дод. Ӯ қобилияти баланди мустақилона ҳал кардани вазифаҳои мураккаби илмиро дорад. Сохтори рисолаи пешниҳодшуда мантиқӣ буда, аз муқаддима, се боб, хулосаҳо ва номгӯи адабиёт иборат аст, ки мазмуни мавзуъро пурра фаро мегирад.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии кор заминаҳои методологӣ, мақсад, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот ба таври дақиқ ифода ёфтаанд.

Боби якуми рисола "**Асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии касбии веб-дизайнерон дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодаи ТИК**" заминаи мустаҳками назариявиро ташкил медиҳад. Довталаб мафҳум ва хусусиятҳои рушди низоми таълими касбии ин мутахассисонро дар шароити ҷаҳонишавӣ амиқ таҳлил карда, заминаҳои амалии роҳандозии платформаҳои таълимӣ ва муҳити виртуалиро муайян намудааст. Инчунин, вазъи муосири омӯзиши веб-дизайн дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (МТОК) Ҷумҳурии Тоҷикистонро объективона арзёбӣ карда, камбудиҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро нишон додааст.

Боби дуюми рисола "**Методика ва хусусиятҳои педагогии омодасозии веб-дизайнерони оянда бо истифода аз ТИК**" арзиши баланди методӣ дорад. С.Р. Ғуломов нармафзорҳои муосири соҳавиро гурӯҳбандӣ намуда, методикаи махсуси омодасозиро дар шароити кунунии МТОК коркард кардааст. Саҳми муҳимми муаллиф дар он аст, ки ӯ усулҳои таҷрибавии азхудкунии ТИК ва нақши озмунҳои таълимиро дар рушди омодагии касбии донишҷӯён асоснок кардааст.

Боби сеюми рисола "**Самаранокии веб-барномаи омӯзишӣ ва таҳлили озмоишҳои педагогӣ**" ҷанбаи таҷрибавию озмоишии корро инъикос мекунад. Муаллиф веб-барномаи омӯзишии муаллифии худро роҳандозӣ намуда, нишон дод, ки он барои баланд бардоштани малакаҳои касбии веб-дизайнерҳо чӣ гуна кумак мекунад. Натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ бо усулҳои математикию оморӣ коркард шудаанд, ки ин аз саҳеҳӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо. Навоварии илмии таҳқиқоти С.Р. Ғуломов дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал хусусиятҳои педагогию дидактикии таълими веб-дизайн дар шароити

Тоҷикистон муайян карда шуда, модели мукаммали омӯзиш бо истифода аз муҳити кории виртуалӣ ва веб-барномаи таълимӣ сохта шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот хеле баланд аст. Маводҳои пешниҳодшуда, тавсияҳо оид ба истифодаи нармафзорҳо ва веб-барномаи омӯзишии таҳияшуда метавонанд дар раванди таълими донишҷӯёни ихтисосҳои соҳаи рақамӣ ва информатика дар МТОК-и кишвар, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ба таври васеъ татбиқ карда шаванд.

Саҳми шахсии довталаб ва интишороти илмӣ. Саҳми шахсии довталаб дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот - аз омӯзиши назариявӣ, гузаронидани пурсишҳову анкетаҳо, таҳияи барномаи муаллифӣ то ташкилу гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳо асосӣ ва ҳалкунанда мебошад. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд, ки мундариҷаи корро пурра ва амиқ инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсия ва автореферати Ғуломов Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - комуникатсионӣ дар таълими веб-дизайнерҳои оянда» як таҳқиқоти мустақил, мукаммал, дорои мантиқи қавии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад.

Кори мазкур ва автореферати он ба талаботи кунунии Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод мегарданд, комилан мувофиқат мекунад.

Ман, ҳамчун роҳбари илмӣ, таҳқиқоти мазкурро баланд арзёбӣ намуда, чунин меҳисобам, ки довталаб Ғуломов Суҳроб Рустамович барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз

рӯйи ихтисоси 6D011100-Информатика (6D011102 - Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) арзанда мебошад ва корро барои муҳокима дар кафедра расмӣ тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти
кафедраи таъминоти барномавӣ
ва веб-дизайни Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Аюбзода Сафар Аюб

05.05.2026

Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: (833-22) 2-26-92, 918 57 94 47.
E-mail: safarkhon@mail.ru

“Имзои Аюбзода С.А.-ро тасдиқ мекунам”.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ
Абдусамадович

05.05.2026